# ТАҚРИЗИ

## роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Саидова Хисния Махмадулоевна дар мавзӯи “Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ”

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ яке аз хусусиятҳои муҳими вазъи кунунии системаи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ афзоиши назарраси нақш ва аҳамияти соҳаи иҷтимоӣ, инчунин тақвиятёбии таъсири он ба нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиёт ва ҷомеа маҳсуб меёбад. Бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун як қисми нисбатан босуръат афзояндаи бозори хизматрасонӣ амал карда истодаанд ва дар ин замина дар сохтори бахши хизматрасонӣ тағйироти назаррас ба амал омадаанд, ки зарурати аз нав дида баромадани арзишмандии ҳадафҳо ва нақши инфрасохтори иҷтимоиро дар ҳаёти ҷомеа талаб мекунад.

Бояд ба назар гирифт, ки дар шароити кунунӣ аз як тараф, ҳаҷми хизматрасониҳое (бонкӣ, молиявӣ, суғурта, ҳуқуқӣ) ба таври назаррас афзуда истодаанд, ки хоси иқтисоди бозорӣ мебошанд. Аз тарафи дигар бошад, хизматрасониҳои иҷтимоӣ - маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва санъат дар баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва некӯаҳволии одамон нақши муҳимро иҷро карда, ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳар як инсони муосир мубаддал гашта истодаанд. Дар иртибот бо ин дарки нақши хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун кафили некӯаҳволии ҷамъиятӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ, зарурияти гузарониданиислоҳот ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ ва низоми таҳсилот дар кишвар талаб менамояд, ки ифодагари мубрамияти мавзӯи кори диссертатсионии Саидова Х.М. мебошад.

Мавзӯи таҳқиқкардаи унвонҷӯ аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ хеле муҳим арзёби гардида, мубрамияти он дар партави рӯйдодҳои сиёсиву иқтисодии охири ҷаҳони муосир боз ҳам тақвият ёфта истодаст. Кори диссертатсионии пешниҳодшуда дорои навгониҳое мебошад, ки онҳо дар ҷамъбастнамоиҳои назариявӣ ва хулосаю пешниҳодҳои унвонҷӯ инъикос ёфтаанд.

Саидова Х.М. дар асоси омӯзиши асноди меъёрию ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои қабулкардаи ҳукумати кишвар бахшида ба рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва адабиёти илмию назариявӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ, тавонистааст, самтҳои асосии такмил додани асосҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро дар шароити рушди низоми иқтисоди бозорӣ дар ҷумҳурӣ муайян намояд.

Дар диссертатсия инчунин омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои муҳим, ба монанди ошкор кардани моҳияти иқтисодӣ ва мундариҷаи категорияи "хизматрасониҳои иҷтимоӣ", омӯхтани қонунҳои асосии ташаккул ва рушди бахши хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ, муайян кардани тамоюлҳои

асосии ташаккули системаи муосири идоракунии сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, омӯхтани вазъи кунунии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ бо истифода аз маводи соҳаҳои тандурустӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, муайян кардани самтҳои асосии такмил додани механизмҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо дар соҳаи тандурустӣ ва таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзӯъ ба унвонҷӯ имкон додааст, ки равишҳои муосири идоракунии хизматрасониҳои иҷтимоиро дар мисоли соҳаҳои тандурустӣ ва таҳсилоти олии касбӣ муайян карда, усулҳои самараноки беҳтар намудани сифати чунин хизматрасониҳоро пешниҳод намояд.

Муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, сохторбандӣ шуда, ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат мекунанд ва бо далелҳои аз ҷониби унвонҷӯ овардашуда тасдиқи худро ёфтаанд. Дурустӣ ва асоснокии муқаррарот ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, бо истинод ба сарчашмаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, бо назарияҳои илмии олимон ва коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ асоснок карда шудаанд.

Сохтор ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодгардида ифодагари аз нигоҳи илмӣ камол ёфтани унвонҷӯ Саидова Х.М. мебошад ва шаҳодат аз он медиҳад, ки номбурда метавонад дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии муҳимми иқтисодӣ, пеш аз ҳама хизматрасониҳои иҷтимоӣ иштирок намояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додааст ва дигар нашрияҳо чоп шуда, дар автореферат дарҷ гардидаанд.

Бояд сифатҳои шахсии довталабро ҳангоми кор аз болои диссертатсия нишон дода шуданд, махсус қайд кард. Саидова Х.М. қобилияти тафаккури эҷодӣ, муайянкунӣ, самтгирии хубро дар мавзӯи муайяни тадқиқот, инчунин малакаи мустақилона гузаронидани тадқиқоти назариявӣ, қобилияти таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳои мураккабро дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ доро мебошад.

Дар хотима, бояд қайд намуд, ки кори Х.М.Саидова бо навоварӣ, аҳамияти амалӣ, маҷмӯи таҳлил ва ҳамоҳангии мантиқӣ фарқ мекунад. Тадқиқоти диссертатсионии Саидова Хисния Махмадулоевна кори анҷомёфтаи илмист, ки ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, н.и.и., дотсенти
кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии
факултети молиявию иқтисодии ДМТ Р.Мирбобоев

ИМЗОИ / ПОДПИСЬ Мирбобоев Р.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо/подпись)

23-01-2021